Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

# Тақриз

**ба автореферати Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи “Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Таҳсилоти динии шаҳрвандон дар шароити давлати дунявии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ, муайян намудани амсилаҳои самараноки таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад. Бояд ёдовар шавем, ки давлати дунявӣ барои рушди арзишҳои динӣ ва фаъолияти ташкилотҳои динӣ шароитҳои якхелаи заруриро фароҳам месозад. Дар чунин шароит ба роҳ мондани таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ ва ҳифзи фарҳанги миллии шаҳрвандон ва ташаккулёбии ҷаҳонбинии дурусти динии шаҳрвандони Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Ҳамзамон, дар Тоҷикистон барои таҳсилоти динии ғайрирасмӣ, мубориза ба муқобили ифротгароии динӣ ва пешгирӣ намудани таъсири мазҳабу равияҳо ва ташкилотҳои диние, ки ба амнияти кишварамон таҳдид менамоянд, санадҳои зарурии меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд.

Вобаста ба ин зарурат, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи сотсиологии раванди таҳсилоти расмии динии шаҳрвандонро вобаста санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва натиҷаи тадқиқотҳои сотсиологӣ, муаллиф хеле мубрам нишон додааст. Зимни таҳқиқоти илмӣ, диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои таҳсилоти динии шаҳрвандонро дар давлати дунявӣ ва ҷори намудани фанни диншиносии илмиро дар мактабҳои миёна муҳим арзёбӣ намудааст. Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи корӣ

диссертатсионии Муҳаммадқодири Наҷмуддин аҳаммияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро бошад як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла равишҳои умумиилмии позитивизм, функсионализми сохторӣ, равиши системавӣ ва таърихӣ ташкил медиҳанд. Равиши позитивистии мавзуи таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки таҳсилоти динӣ ва арзишҳои динӣ аз нуктаи назари аҳамияти иҷтимоии онҳо дида баромада шавад. Тавассути равиши функсионализми сохторӣ вазифаҳои иҷтимоии таҳсилоти динӣ дар низоми маориф таҳқиқ мегардад. Равишҳои системавӣ ва таърихӣ барои дарки низоми таҳсилоти динӣ ва таҳқиқи таҳаввулоти таърихии он мусоидат менамояд. Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Боби якуми автореферати диссертатсия, ки «Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ» номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби аввал - «Таҳлили назариявӣ-методологии масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосир» мафҳум ва моҳияти таҳсилоти динӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давлати дунявӣ дин ба сифати институти иҷтимоӣ эътироф гардидааст. Дар мавриди мафҳуми таҳсилоти динӣ муаллиф қайд менамояд, ки таҳсилот яке аз намудҳои фаъолияти ташкилотҳои динӣ ба ҳисоб меравад, ки барои интиқоли арзишҳои динӣ, урфу одат ва маросимҳои динӣ аз як насл ба насли дигар, инчунин иҷтимоикунонии динии шаҳрвандон накши калон мебозад.(саҳ.11)

Дар зербоби дуюми боби якум, ки «Шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар замони муосир» ном гирифтааст, муносибат ва алоқамандии дунявият ва дин таҳлил гардидааст. Дар ин зербоб муаян карда шудааст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ бештари давлатҳои дунё низоми дунявиятро қабул карда истодаанд. Диссертант қайд менамояд, ки дунявият маънои зидди дин буданро надорад ва дар низоми дунявият дин ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Дар хусуси зербоби сеюм, ки «Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеи муосири Тоҷикистон» ном гирифтааст, ҷанбаҳои ҳуқуқии таҳсилоти динӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Пеш аз ҳама қайд кардан ба маврид аст, ки Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад ва ҳокимияти ҷамъиятию сиёсии кишварамон

низ дар асоси принсипҳои дунявият ташкил карда шудааст, ки робита ва ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар асоси қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда мешавад. Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад ва аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб «Таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон» масъалаҳои масъалаҳои давлати дунявӣ ва ҷомеаи динии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Тоҷикистон дар самти муайян намудани роҳҳо ва амсилаҳои муносиби робитаи давлати дунявӣ ва дин ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст. Ботадриҷ талаботҳо ва манфиатҳои динии шаҳрвандон дар сатҳи қонунӣ ва шоиста қонеъ гардонида шуда, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи дин такмил меёбанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми автореферати диссертатсия, ки «Вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон» ном дорад чунин масъалаҳо аз ҷониби муаллиф мавриди омузиш қарор гирифтаанд. Таҳсилоти расмии динӣ, ки хусусияти қонунӣ дорад ва бехатарии ҳуқуқии донишҷӯро кафолат медиҳад, торафт пурра ҷойи мактабҳои динии хонагиро мегирад. Барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимоти динӣ бонизом гардида, такмил меёбанд, сатҳу сифати таълими динӣ дар муассисаҳои расмии динии Тоҷикистон торафт боло меравад. Инчуни масъалаи таҳсилоти динии ҷавонони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар яке аз масъалаҳои динию ҷомеаи муосири тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Зербоби сеюми боби дуюм - «Таҳлили афкори ҷамъиятӣ оид ба таҳсилоти динӣ ва масъалаҳои ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба таҳсилоти динӣ дар бар мегирад. Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои рушди он дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Маводи нашрнамудаи диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 11 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Автореферати Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи “Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар

мерасанд, ки чунин ишора мегарданд: Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки дар матни чопии он баъзе аз норасоиҳои ҷузъи, мисли хатогиҳои имлоӣ ва тахникӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо ин норасоиҳо ба мазмун ва арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Аз ин рӯ, автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи диссертатсия Муҳаммадқодири Наҷмуддин сазовори номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, муовини директори
Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдухалилзода К.А.

Имзои К.А. Абдухалилзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кадрҳо, ҳуқуқ
ва корҳои махсус

Анҷуманова Г.А.

БАХШИ КАДРҲО, ҲУҚУҚ ВА КОРҲОИ МАХСУС

07.02.2024